Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Мафҳуми дискурс ва таҳлили дискурсивӣ аз нимаи дуюми асри XX чун бахши ҷудогонаи забоншиносӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор мегирад. Дискурси сиёсӣ яке аз намудҳои махсуси дискурс ба ҳисоб рафта, мақсади ниҳоии он ба даст овардан ва нигоҳ доштани ҳокимият мебошад. Он падидаи бисёрҷанба буда, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ дахолат мекунад. Дискурси сиёсӣ аз махсусиятҳое бархӯрдор аст, ки баҳодиҳӣ, натиҷамандӣ, нигоҳ доштан ва талқин кардани мавқеи муайяни худ ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Вазифаи асосии дискурси сиёсӣ таъсиррасонӣ ба мухотаб ва шунавандаи худ мебошад, ки вобаста ба вазъи гуфтор ва зерҳадафҳои муаллифи сухан, бо истифодаи моҳиронаи воситаҳои луғавӣ ва дастурии забон муяссар мегардад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ фарогири таълифоти олимони Ғарб, аз қабили, З. Ҳаррис, Э. Бенвенист, Тван Дейк, Ж.Ж.Деррида, Ҷ.Р.Сёрл ва рус Н.Д.Арутюнова, В.В.Богданов, Б.М. Гаспаров, М.Л.Макаров ва дигарон мебошад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқро ақидаҳои назариявӣ ва методологии олимон дар соҳаи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума ташкил медиҳанд, ки ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни ин соҳа бахшида шудаанд.

Дар таҳқиқти худ муаллиф аз методҳои таҳлили лингвистӣ ва тарҷумашиносӣ истифода намуд, ки миёни онҳо ба методи таҳлили муқоисавии воҳидҳои луғавӣ ва дастурии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, методи мушоҳида, методи таҳлили сохторӣ, функсионалӣ ва маъноӣ афзалият дода шудааст. Дар диссертатсия ҳамчунин методи таҳлили сифати тарҷумаи воҳидҳои луғавӣ ва дастурии забони тоҷикӣ ба забони англисӣ бар мабнои маводи дискурси сиёсӣ истифода гардидааст.

Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи 9 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Таҳқикоти мавриди назар аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, замима ва 169 саҳифаи чопӣ иборат мебошад.

Боби аввали таҳқикт «Шинохт ва пажӯҳиши дискурс дар забоншиносӣ» номгузорӣ карда шуда, аз се зербоб иборат аст. Дар ин бахш муаллиф оид ба таҳқиқ ва омӯзиши мафҳуми дискурс баҳс мекунад.

Боби дуюми диссертатсияи «Хусусиятҳои луғавии дискурси сиёсӣ ва тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ» унвон дорад. Дар ин боб хусусиятҳои луғавии дискурси сиёсӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби сеюм «Хусусиятҳои дастурии дискурси сиёсӣ ва ҳусни тарҷумаи онҳо тоҷикӣ ба забони англис» ном дорад. Дар он хусусиятҳои дастурии дискурси сиёсӣ ва роҳҳои интиқоли он аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ баррасӣ карда шудааст.

Муҳаққиқ аз баҳсу баррасӣ ва таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ андешаҳо ва хулосаҳои худро дар ҳаҷми 15 банд натиҷагирии намудааст.

Таҳқиқоти мазкур ба як қатор масъалаҳои забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷикӣ аз лиҳози вижагиҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ ва тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ равшанӣ меандозад. Бо таваҷҷуҳ ба дастовардҳои таҳқиқотии ноилшуда муаллиф

тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқотро дар ҳаҷми 13 банд манзур сохтааст.

Автореферати диссертатсия пурмазмун ва дар сатҳи илмӣ таълиф гардидааст, вале он аз норасоиҳои имлоиву техникӣ ва услубӣ орӣ нест. Ин камбудиҳо қиммати илмии таҳқиқотро коста намекунанд ва онҳо ислоҳпазир буда, дар коркард ва ба инобат гирифтани фаъолияти минбаъда пешниҳод карда мешаванд.

Зикр крдан ба маврид аст, ки автореферати диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфт намудани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи филологияи англиси
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Саъдиева Гулистон Фатоевна

Имзои Саъдиева Гулистон Фатоевнаро
**“Тасдиқ мекунам”:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

**Суроға:**
734025 Шаҳри Душанбе кӯчаи Мирзо Турсунзода 30
Телефон: (+992)000222138
Email: guliston1973@mail.ru